بسم الله الرحمن الرحیم

*Ҳадя ба пешгоҳи*
*гули сарсабади хилқат, усваи башарият,*
*сарвари коинот, саиди расулон, паёмбари*
*раҳмат ва шафеи  уммат ҳазрати Муҳаммад(с)*
*ва оли поку мутаҳҳараш ва  падару модари азизу*
*меҳрубонам.*

*Тафсири сураи муборакаи*

# Муҳаммад(с)

تفسیر سوره مبارکه

**محمد ﷺ**

**Устод Муҳсин Қироатӣ**

**Саломуддин Маъниддин**

AL-Mustafa International
Publication and Translation Center

212

**Муовинати Пажўҳиш**


**Мушаххасоти китоб:**

**Номи китоб:** *Тафсири сураи Муҳаммад(с)*

**Муаллиф:** *устод Муҳсин Қироатӣ*

**Мутарҷим:** *Саломуддин Маъниддин*

**Ҳамкорон:** *Асомуддин Ғоиб, Зафаруддин Ғафурӣ ва Саидҷамолуддин Самад*

**Зири назари:** *Анҷумани фарҳангии донишҷӯёни Тоҷик*

**Навбати чоп:** *аввал, 2010*

**Теъдоди нашр:** *2000 нусха*

***Isbn:*** *978-964-195-174-2*

| | |
|---|---|
| سرشناسه: | قرائتي، محسن، ۱۳۲۴ - |
| عنوان و نام پديدآور: | Тафсири сураи муборакаи Муҳаммад(с) / Устод Муҳсин Қироати; Саломуддин Маъниддин. |
| مشخصات نشر: | قم: مركز بين‌المللي ترجمه و نشر المصطفي(ص)، ۲۰۱۰م.= ۱۳۸۹. |
| مشخصات ظاهري: | ۷۲ ص. |
| شابک: | 978-964-195-174-2 |
| وضعيت فهرست‌نويسي: | فيپا |
| يادداشت: | تاجيكي |
| عنوان به زبان ديگر: | تفسير سوره محمد. |
| موضوع: | تفاسير (سوره محمد) |
| شناسه افزوده: | معين‌الدين، سلام‌الدين، مترجم |
| رده‌بندي کنگره: | BP ۱۰۲/۸۲۵/ق۴ت۷۰۴۹۵۲۳ ۱۳۸۹ |
| رده‌بندي ديويي: | ۲۹۷/۱۸ |
| شماره کتابشناسي ملي: | ۲۰۳۸۲۴۹ |

*Ба номи Худо*

**Муқаддима**

“Ва Қуръонро барои тазаккур (ва ёдоварӣ) осон кардем, оё касе ҳаст, ки панд гирад ва мутазаккир шавад?”[1]

Қуръон китоби Худост ва барои он нозил шуда аст, ки мардумро огоҳ кунад, ба талошу кӯшиш ташвиқ намояд, инсонҳоро аз гумроҳӣ наҷот диҳад, одолатро барқарор намояд ва ҷомеаро ба сӯи рушду тараққӣ роҳнамоӣ кунад.

Ҳарчанд тиловати Қуръон бо садои зебо бисёр тавсия шуда аст, аммо фикру тааммул дар маонӣ ва мафоҳими Қуръон аст, ки метавонад инсонҳоро ба сӯи рушду тараққӣ роҳнамоӣ кунад.

Оре, Қуръон – ин китоби осмонӣ ва фарҳангсоз - имрӯз дар дастраси ҳамагон қарор дарад ва мо ба воситаи таълимоти Паёмбари бузурги Ислом(с) ва бузургони дин метавонем муҳимтарин дастурамалҳои зиндагии иҷтимоиро аз он ба даст оварем.

---

1. Сураи Қамар / 17.

## *Симои сураи муборакаи Муҳаммад(с)*

Ин сура 38 оя дорад ва дар Мадина нозил шудааст.

Номи сура аз ояи дуввуми он гирифта шудаст, ки дар он номи мубораки Паёмбари Аъзам (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ) омадааст.

Муҳимтарин мавзӯе, ки дар ин сура баён шудааст, ҷанг ва ҷиҳод бо душманони Ислом аст, аз ин рӯ баъзе ин сурaро сураи "Қитол"[1] номиданд.

Матолиби асосии ин сура дар бораи мӯъминон ва кофирон ва муқоисаи вазъияти ин ду гурӯҳ дар дунё ва охират ва нигоҳе ба корномаи мунофиқоне аст, ки дар Мадина харобкорӣ мекарданд.

Илова бар ин, масъалаҳои асир гирифтан ва озод кардан дар ҷанг, даъват ба инфоқ ва тарки созиши ҳамроҳ бо хорӣ ва нобаҷо бо душман баён шудааст.

Дар ҳадис омадааст: Ҳар кас бихоҳад ҳоли мо Аҳли байт ва душманони моро бинад, сураи Муҳаммад(с)-ро бихонад.[2] Ҳамчунин дар ҳадис аст, ки Паёмбар(с) дар намози шом ин сурaро мехонданд.[3]

---

[1] Мубориза

[2] Тафсири Маҷмаъ-ул-баён

[3]Тафсири Мароға

بِسۡمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحۡمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ

***Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон***

## *Сухане дар бораи Бисмиллоҳ*[1]

Дар миёни қавмҳо ва миллатҳои гуногун одат ин аст, ки корҳои муҳим ва боарзишро ба номи бузурге аз бузургони худ, ки мавриди эҳтиром ва алоқаи онҳост шурӯъ мекунанд, то ки он кор муборак гардад ва ба анҷом расад. Албатта онҳо бар асоси эътиқоди дуруст ё нодурусти хеш амал мекунанд. Гоҳе ба номи бутҳо ва тоғутҳо (ҳокимони золим) ва гоҳе ба номи Худо ва ба дасти авлиёи Худо корро шурӯъ мекунанд. Чунончӣ дар ҷанги Хандақ аввалин кулангро Расули Худо(с) бар замин зад.[2]

بسم الله الرّحمن الرّحيم *Бисмилоҳир-Раҳмонир-Раҳим* сароғози китоби илоҳӣ аст. بسم الله натанҳо дар аввали Қуръон, балки дар аввали тамоми китобҳои осмонӣ будааст ва дар сарлавҳаи кор ва амали ҳамаи анбиё(а) қарор дошт. Вақте ки киштии ҳазрати Нӯҳ(а) дар миёни мавҷҳои тӯфон ҳаракат кард, Нӯҳ(а) ба ёрони худ гуфт: Савор шавед, ки (بسم الله مجريها و مرسيها)[3] *ҳаракат ва истодани ин киштӣ ба номи Худо аст.* Ҳазрати Сулаймон(а) низ вақте маликаи Сaборо ба имон овардан даъват кард, номаи худро ба ҷумлаи بسم الله الرّحمن الرّحيم[4] оғоз кард.

---

[1] Гузиниш аз тафсири сураи Ёсин, Устод Қироатӣ

[2]. Биҳор, ҷ.20, саҳ.218.

[3]. Сураи Ҳуд, ояти 41.

[4]. Сураи Намл, ояти 30.

Ҳазрати Алӣ(к) фармуд: (بسم الله) *Бисмиллоҳ* сабаби баракати корҳо ва тарки он сабаби нофарҷомӣ аст. Ҳамчунин он ҳазрат ба шахсе, ки ҷумлаи (بسم الله) –ро менавишт фармуд: Онро некӯ бинавис.[1]

Бар забон овардани (بسم الله) дар шурӯи ҳар коре супориш шудааст; дар хӯрдан, хобидан, нӯшидан, савор шудан бар маркаби мусофират ва бисёр корҳои дигар. Ҳатто агар ҳайвоне бе зикри номи Худо кушта шавад истифодаи гӯшти он ҳаром аст. Ва ин рамзи он аст, ки хӯрок хӯрдани инсонҳои ҳадафдор ва ягонапараст низ ба хотири Худо бошад.

Дар ҳадисе мехонем: (بسم الله)-ро фаромӯш накун ҳатто дар навиштани як байт шеър. Ҳамчунин ривоёте дар аҷри касе, ки аввалин бор "бисмиллоҳ"-ро ба кӯдак ёд диҳад ворид шудааст.[2]

**Савол:** Чаро дар шурӯи ҳар коре (بسم الله) супориш шудааст?

**Ҷавоб:** (بسم الله) нишонаи мусулмонӣ аст ва бояд ҳамаи корҳои шахси мусулмон ранги илоҳӣ дошта бошад. Ҳамон гуна ки маҳсулот ва молҳои сохти як корхона аломати он корхонаро дорад, хоҳ ба сурати ҷузъӣ бошад ё куллӣ. Масалан як корхонаи чинисозӣ нишонаи худро рӯи тамоми зарфҳо мезанад, хоҳ зарфҳои калон бошад ё зарфҳои хурд. Ё ин ки байрақи ҳар кишваре ҳам дар идораҳо, мактабҳои он кишвар ва ҳам дар киштиҳои он кишвар, дар дарёҳо овезон аст ва ҳам бар рӯи мизи идораи кормандон гузошта шудааст.

---

1. Канз-ул-уммол, ҳадиси 29558

2. Тафсири Бурҳон, ҷ.1, саҳ.43.

Дар тафсири Қуртубӣ аз Имом Содиқ(а) нақл шудааст: (بسم الله) тоҷи сураҳост”.

Фақат дар оғози сураи Бароат (ё Тавба) *Бисмиллоҳ* наомадааст ва ин ба фармудаи ҳазрати Алӣ(к) ба хотири он аст, ки (بسم الله) калимаи амон ва раҳмат аст ва эълони дурӣ ҷустан аз куффор ва мушрикин бо ошкор кардани муҳаббат ва раҳмат созгор нест[1].

Имом Ризо(а) мефармояд: “Бисмиллоҳ” яъне нишони бандагии Худоро ба худ мегузорам.

**Симои “Бисмиллоҳ”**

**1.** (بسم الله) нишонгари ранги илоҳӣ ва ҷиҳатгирии тавҳидӣ аст.[1]

**2.** (بسم الله) рамзи тавҳид аст ва ба ёд овардани номи дигарон ба ҷои он рамзи куфр аст ва наздик кардани номи Худо ба номи дигарон нишонаи ширк. (На дар канори номи Худо номи дигареро бибарем ва на ба ҷои номи ӯ номи дигареро ба ёд биёварем)[2].

**3.** (بسم الله) рамзи боқӣ мондан ва давом аст, зеро ҳарчи ранги худоӣ надошта бошад фонист.[3]

**4.** (بسم الله) рамзи ишқ ба Худо ва таваккул ба ӯст. Ба касе, ки Раҳмон ва Раҳим аст ишқ меварзем ва корамонро бо таваккул ба ӯ оғоз мекунем, бурдани номи ӯ сабаби ҷалби раҳмат аст.

**5.** (بسم الله) рамзи хориҷ шудан аз такаббур ва рӯшан намудани оҷизии худ ба даргоҳи илоҳӣ аст.

---

[1]. Тафсири “Нур-ус-сақалайн”.

[2]. На фақат зоти ӯ, балки номи ӯ аз ҳар ширке пок аст. "سبح اسم ربّک الأعلی" ҳатто шурӯи кор ба номи Худо ва Муҳаммад(с) мамнӯъ аст. Исбот-ул-ҳудот, ҷ.7, саҳ.482.

[3]. Қасас, ояти 88.

**6.** (بسم الله) қадами аввал дар роҳи бандагӣ ва убудият аст.

**7.** (بسم الله) сабаби гурехтан аз шайтон аст. Касе, ки Худоро ҳамроҳ дошт шайтон наметавонад дар ӯ таъсир гузорад.

**8.** (بسم الله) сабаби муқаддас шудани корҳо ва суғурта кардани онҳост

**9.** (بسم الله) зикри Худост, яъне, ки Худоё ман туро фаромӯш накардаам.

**10.** (بسم الله) баёнгари ангеза ва майли мост, яъне Худоё мақсадам ту ҳастӣ на мардум, на золимон ва на ҷилваҳову ҳавасҳо.

**11.** بسم الله الرّحمن الرّحيم дар аввали сура рамзи он аст, ки матолиби сура аз ҷойгоҳи ҳақ ва мазҳари раҳмат нозил шудааст.

**12.** بسم الله الرّحمن الرّحيم дар аввали китоб, яъне ҳидоят танҳо бо кӯмаки ӯ таҳаққуқ пайдо мекунад.[1]

**13.** (بسم الله) каломе, ки сухани Худо бо мардум ва сухани мардум бо Худо бо он оғоз мешавад.

**14.** Раҳмати илоҳӣ ҳамчун зоти ӯ абадӣ ва ҳамешагӣ аст. (الله الرّحمن الرّحيم)

**15.** Баёни раҳмати илоҳӣ дар қолибҳои гуногун нишонаи асрори раҳмат аст. (Ҳам қолиби “رحمن” – Раҳмон, ҳам қолиби “رحيم”- Раҳим) (الرّحمن الرّحيم - Ар-раҳмон-ир-Раҳим)

---

[1]. Шояд маънои ин ки мегӯянд: Тамоми Қуръон дар сураи “Ҳамд” ва тамоми сураи Ҳамд дар “Бисмиллоҳ” ва тамоми “Бисмиллоҳ” дар ҳарфи “бо” хулоса мешавад, ин бошад, ки офариниши ҳастӣ ва ҳидояти он ба дасти ӯст. Чунонки рисолати Паёмбари Акрам(с) бо номи ӯ оғоз гардид. “Бихон ба номи Парвардигорат”. “اقرا باسم ربک”

**16.** Шояд овардани калимаи “رحمن” ва “رحيم” дар оғози китоб нишонаи ин бошад, ки Қуръон ҷилвае аз раҳмати илоҳӣ аст. Ҳамон гуна ки асли офариниш ҷилваи лутф ва раҳмати ӯст. (الرّحمن الرّحيم)